«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, проф. Насриддинзода Э.С.
_______________
«24» ___________ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **“Вижагиҳои сохторӣ ва дастурии ҷумлаҳои сода дар забони адабии тоҷикӣ (дар асоси маводи насри муосир)»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар кафедраи забони адабии муосири тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ** соли 2002 факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуровро хатм намудааст. Солҳои 2003-2009 ҳамчун омӯзгори кафедраи забон ва адабиёти тоҷик дар Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, 2009-2015 ба сифати сармуаллими кафедраи забон ва адабиёти тоҷики коллеҷ, 2015-2017 ба ҳайси дотсент, мудири кафедраи забон ва усули таълими Коллеҷи омӯзгорӣ, 2017-2022 ҳамчун директори Муассисаи давлатии таълимии “Коллеҷи омӯзгории Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров” ва аз 01.07.2024 дар вазифаи мудири шуъбаи кор бо занон ва оилаи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Хуҷанд фаъолият доранд.

Кенҷазода М.С. соли 2015 диссертатсияи номзадии худро дар мавзуи “Хусусиятҳои сохторӣ-семантикии воҳидҳои фразеологӣ дар луғати “Ғиёс-ул-луғот”-и Муҳаммад Ғиёсиддини Ромпурӣ” аз рӯйи ихтисоси 10.02.22. – Забонҳои кишварҳои Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аброгенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) ҳимоя карда, муаллифи 3 монография ва 35 мақолаҳои илмӣ мебошад, ки 29-тои онҳо дар

маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд.

Мушовири илмии ӯ доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи забон ва типологияи факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Гулназарзода Ж.Б. мебошад.

Мавзуи диссертатсия дар Шурои олимони факултети филология ДМТ рӯзи 05.07.2018, қарори №10 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Масъалаи ҷумлаҳои сода аз ибтидои пайдоиши илми забоншиносӣ дар маркази таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқони риштаи наҳв қарор дошт ва ҳоло низ баҳсу мунозираҳо дар ин самт вуҷуд доранд. Доираи таҳқиқи ин масъала хеле васеъ ва доманадор буда, баъзе паҳлуҳои он то ҳанӯз муҳаққиқони худро интизоранд. Агарчи дар мавриди хусусиятҳои сохторӣ ва грамматикии ҷумла ва назарияи умумии он як силсила таҳқиқоти арзишманд анҷом дода шудаанд, бо вуҷуди ин масъалаҳои баҳсталаб ва ҳанӯз мавриди баҳси илмӣ қарорнагирифта дар ин самт кам нестанд.

Ин ҳолат, пеш аз ҳама, аз як ҷиҳат ба табиати забон хос бошад, аз тарафи дигар, таъсири ҳаёти иҷтимоии имрӯза аст, ки сабаби пайдоиши дигаргуниҳои ҳамарӯза ва пайдоиши мафҳумҳои нав дар сатҳи ҷумла ҳамчун воҳиди мухобиротии забон гашта, муҳаққиқони соҳаро водор месозад, то ба ин масъала бештар таваҷҷуҳ намоянд.

Мусаллам аст, ки ҷумлаҳои сода дар илми забоншиносии тоҷик марҳилаи дуру дарози таҳаввулро аз сар гузаронидаанд. Онҳо ҳамчун ҷузъи муҳимми шохаи наҳви забони тоҷикӣ барои таъмини муоширати ҳаррӯзаи одамон  хидмат мекунанд. Чунин зарурат ба омилҳои зиёде вобастагӣ дорад. Пеш аз ҳама, он агар ба такмили омӯзиши назарияҳои илмии наҳвшиносӣ вобастагӣ дошта бошад, аз ҷониби дигар, ба табиати иҷтимоии забон, ки талаботи соҳибони худро дар ифодаи содаи муколама, ифодаи мафҳумҳои нав ба нави дар зиндагии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангии одамон пайдошаванда таъмин намояд, алоқаманд аст.

Кенҷазода М.С. зарурати таҳқиқи мавзуи мазкурро бар он асос додааст, ки забон баробари ҷомеа пеш меравад ва чун ин муносибат тақозо менамояд, ки сатҳҳои гуногуни он ҳамеша дар ҳоли омӯзиш қарор гиранд. Дар ин баробар ҷумлаҳои сода низ таҳаввул ёфта, сохтори дастурии онҳо вобаста ба тақозои замон пажуҳиши марҳилавиро талаб мекунад. Аз ин ҷиҳат, таҳлилу баррасии вижагиҳои сохторӣ ва дастурии ҷумлаҳои сода дар давраи нави инкишофи забони тоҷикӣ аз аҳаммияти назариву амалӣ орӣ набуда, натиҷаҳои он метавонанд назарияи илми забоншиносии тоҷикро боз ҳам мукаммалтар гардонанд.

Барои расидан ба ин ҳадафҳо муаллифи диссертатсия дар назди худ ҳалли **чунин вазифаҳоро** гузоштааст:

- муайян намудани дараҷаи омӯзиши ҷумлаҳои сода дар забоншиносии хориҷӣ ва ватанӣ;
- таҳқиқи масъалаи омӯзиши таснифоти ҷумлаҳои сода дар забоншиносии тоҷик;
- ошкор намудани вижагиҳои сохторию грамматикии ҷумлаҳои сода дар насри бадеии адабиёти муосир;
- омӯзиш ва муайян намудани ифодаи сарфии аъзоҳои ҷумла дар ҷумлаҳои сода;
- омӯзиш ва муайян намудани вазифаи наҳвии аъзоҳои ҷумла дар ҷумлаҳои сода;
- муайян кардани мавқеи аъзоҳои чида дар ҷумлаҳои сода;
- ошкор намудани вазифаи наҳвии воҳидҳои фразеологӣ дар таркиби ҷумлаҳои сода;
- муқаррар намудани роҳҳои ифодаи хабарҳои феълӣ ва номӣ дар ҷумлаҳои сода;
- ошкор намудани мавқеи аъзоҳои пайрав дар ҷумлаҳои сода;
- муайян кардани нақши ҷумлаҳои саволии риторикӣ дар нутқи персонажҳо;
- муқарар намудани вижагиҳои наҳвии насри муосири тоҷик вобаста ба ҷумлаҳои сода.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои асосии таҳқиқ** насри бадеии адабиёти муосир интихоб шудааст, ки он намунаи давраи нави инкишофи забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад. Бо ин мақсад интихобан асарҳои нависандагони маъруф С. Айнӣ, С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Ф. Муҳаммадиев, С. Турсун, Б. Фирӯз, А. Самад ва дигарон мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** диссертатсияро асарҳои илмию назариявии муҳаққиқони хориҷиву ватанӣ, аз қабили А.К. Арендс [1941], А.З. Розенфельд [1954], А.М. Беленицкий, Б. Ҳоҷизода [1936], С. Атобуллоев [1984], А.В. Белошапкова [1977], Л. Бузургзода [1942], С.Д. Арзуманов [1951], Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Ниёзӣ [1952; 1968], В.В. Виноградов [1958; 1975], Л.С. Пейсиков [1973; 1976], Н. Маъсумӣ [1959], Ш. Рустамов [1972; 1980], М. Исматуллоев [1963, 1971; 1986], Б. Камолиддинов [1992; 2010], Д. Хоҷаев [2011], М.Норматов [2013] ва дигарон ташкил медиҳанд. Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқ аз методҳои маъмули таҳқиқи илми забоншиносӣ – таҳлил, муқоиса, сохториву маъноӣ, методи муқоисавӣ-таърихӣ, оморӣ, усули трансформатсия ва ғайра истифода намудааст.

**Навоварии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки дар диссертатсия бори нахуст вижагиҳои сохторӣ ва дастурии ҷумлаҳои сода дар насри бадеӣ ва публитсистии адибони муосир ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар он навъҳои ҷумлаи сода аз ҷиҳати маъно ва оҳанг, иштирок ва мавқеи сараъзоҳо ва аъзоҳои пайрави чумла, ҷумлаҳои пурра ва нопурра, ҷумлаҳои чидааъзо, воситаи алоқаи грамматикӣ дар ҷумлаҳои чидааъзо, ифодаи сараъзоҳо ва аъзоҳои ҷумла бо ҳиссаҳои нутқ мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор гирифтаанд.

Навоварии илмии кор, ҳамчунин, аз он иборат аст, ки дар диссертатсия роҳҳои ифодаи сараъзоҳо, аъзоҳои пайрав, нақши ҳиссаҳои нутқ ва дигар воҳидҳои забонӣ дар ифодаи аъзоҳои ҷумла муайян карда шудаанд. Масъалаи таснифоти ҷумлаҳои сода аз рӯйи сохтор ва маънову оҳанг, роҳҳои ифодаи сараъзоҳо ва нақши воситаҳои алоқаи грамматикӣ

муайян гардида, андешаҳои муҳаққиқон дар мавриди сохтори дастурии ҷумлаҳои сода тақвият ва бознигарӣ шудаанд.

Диссертатсияи Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ аз чанд ҷиҳат аҳаммияти хосса дошта, **арзиши назарии он** дар он зоҳир меёбад, ки маводи дар таҳқиқи мазкур фароҳамомада ва хулосаҳои илмии он бо мақсади муайян кардани мавқеи ҷумлаҳои сода дар низоми ҷумлабанадии забони тоҷикӣ ва нақши онҳо дар ифодаи фикр муайян карда мешаванд. Сабабҳо, омилҳо, зарурати истифодаи ҷумлаҳои сода дар матн, тарзу усулҳои ҷумласозӣ, мавқеъ ва ифодаи аъзоҳои ҷумла, вижагиҳои хоси сохторӣ ва дастурӣ аз масъалаҳои муҳимми наҳвшиносии тоҷик ба ҳисоб рафта, баррасии онҳо ҷиҳати инкишофи соҳаҳои дигари илми забоншиносии тоҷик мусоидат хоҳад кард. Дар ин робита, муносибати зинавии шохаҳои гуногуни илми забоншиносӣ таъмин гардида, ба сифати муқарраркунандаи чунин алоқамандӣ ҷумлаҳои сода дар назар дошта мешаванд.

**Арзиши амалии** кори диссертатсионии Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ дар он зоҳир мегардад, ки натиҷаҳои бадастомадаро метавон ҳангоми таълими фанни забони тоҷикӣ дар мактабҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва олии кишвар, таҳияи китобу дастур ва барномаҳои таълимӣ, рисолаҳои номзадиву докторӣ, гузаронидани курсу семинарҳои махсус оид ба сарфу наҳви забони тоҷикӣ ба таври васеъ истифода намуд. Ҳамчунин натиҷагириҳои диссертатсияро метавон ҳамчун маводи муътамади илмӣ дар факултетҳои филологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ҷиҳати омӯзиши сарфу навҳви забони тоҷикӣ истифода намуд.

**Мухтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Кенҷазода Манучеҳра Солеҳ дар 3 монография, 36 мақолаи чопнамудаи муаллиф, аз ҷумла 28 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар маҷмуаҳои дигар инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо чунин аст:**

**I. Монографияҳо:**

[1-М]. Кенҷазода, М.С. Грамматические особенности простых предложений в языке современной таджикской прозы [Матн] / М.С. Кенҷазода. – Душанбе: Ирфон, 2023. – 176 с.

[2-М]. Кенҷазода, М.С. Типы простых предложений с точки зрения структуры и цели высказывания в современном таджикском языке [Матн] / М.С. Кенджазода. – Душанбе: Ирфон, 2023. – 200 с.

[3-М]. Кенҷазода, М.С. Члены предложения в синтаксической картине современного таджикского языка [Матн] / М.С. Кенҷазода. – Душанбе: Ирфон, 2023. – 222 с.

## II. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:

[4-М]. Кенҷазода, М.С. Мулоҳизаҳо доир ба мавқеи категорияи шахс дар ташаккули сохтории ҷумла [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №6. – С. 46-49.

[5-М]. Кенҷазода, М.С. Баъзе масъалаҳои назариявии омӯзиши ҷумлаҳои сода дар забони тоҷикӣ [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №7. – С. 73-76.

[6-М]. Кенҷазода, М.С. Мулоҳизаҳо доир ба сохтори ҷумлаҳои сода дар забони тоҷикӣ [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №8. – С. 80-83.

[7-М]. Кенҷазода, М.С. Мавқеи категорияи шахс дар ҷумлаҳои муайяншахс ва номуайяншахс [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №1. – С. 71-74.

[8-М]. Кенҷазода, М.С. Мавқеи категорияи шахс дар ҷумлаҳои сода (дар мисоли матбуоти даврии тоҷик) [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №2. – С. 63-66.

[9-М]. Кенҷазода, М.С. Мулоҳизаҳо доир ба таснифоти ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва дутаркиба (дар мисоли насри муосири тоҷик) [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №5. – С. 101-106.

[10-М]. Кенҷазода, М.С. Мулоҳизаҳо доир ба ҷумлаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ дар забони тоҷикӣ (дар мисоли насри муосири бадеӣ) [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №6. – С. 56-60.

[11-М]. Кенҷазода, М.С. Мубтадо ва роҳҳои ифодаи он дар забони адабии муосири тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеии адабиёти муосир) [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №6. – С. 91-97.

[12-М]. Кенҷазода, М.С. Мавқеи корбурди ҷумлаҳои амрӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеии адабиёти муосир) [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №7. – С. 43-47.

[13-М]. Кенҷазода, М.С. Роҳҳои ифодаи хабарҳои номӣ дар забони тоҷикӣ [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №7. – С. 133-137.

[14-М]. Кенҷазода, М.С. Корбурди ҷумлаҳои саволӣ дар насри бадеӣ [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №8. – С. 104-110.

[15-М]. Кенҷазода, М.С. Мавқеи ҷумлаҳои чиддааъзо дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи насри муосир) [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №1. – С. 59-66.

[16-М]. Кенҷазода, М.С. Мавқеи корбурди пуркунанда ва роҳҳои ифодаи он дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеии адабиёти муосир) [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №2. – С. 39-43.

[17-М]. Кенҷазода, М.С. Аломатҳои грамматикии алоқаи муайянкунанда бо муайяншаванда дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеии адабиёти муосир) [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №3. – С. 43-50.

[18-М]. Кенҷазода, М.С. Структурные особенности простых предложений в современном таджикском языке [Матн] / М.С. Кенҷазода // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2022. – №4 (269). – С. 216-220.

[19-М]. Кенҷазода, М.С. Мавқеи истифодаи ҷумлаҳои содаи тасдиқӣ ва инкорӣ дар забони тоҷикӣ (дар асоси маводи насри бадеии адабиёти муосир) [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №8. – С. 75-80.

[20-М]. Кенҷазода, М.С. Об особенностях употребления простого вопросительного предложения в публицистическом стиле [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2023. – №1 (49). – С. 82-91.

[21-М]. Кенҷазода, М.С. О некоторых вопросах исследования простого предложения в таджикском языкознании [Матн] / М.С. Кенҷазода // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2023. – № 1 (270). – С. 193-199.

[22-М]. Кенҷазода, М.С. Влияние зарубежных и русских лингвистических школ на таджикскую лингвистику в изучении односоставных предложений [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №2. – С. 117-122.

[23-М]. Кенҷазода, М.С. О структуре и классификации простых предложений в таджикском языке [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №2. – С. 165-171.

[24-М]. Кенҷазода, М.С. О прямом дополнении и способах его выражения в предложении [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2023. – №2 (50). – С. 53-60.

[25-М]. Кенҷазода, М.С. Некоторые особенности выражения подлежащего в современном таджикском литературном языке [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №3. – С. 114-120.

[26-М]. Кенҷазода, М.С. Сказуемое и способы его выражения разными частями речи в таджикском языке (на основе материалов современной прозы) [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №3. – С. 145-151.

[27-М]. Кенҷазода, М.С., Қосимов, О.Ҳ. Обстоятельство и способы его выражения в простом предложении в современной таджикской прозе [Матн] / М.С. Кенҷазода, О.Ҳ. Қосимов // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2023. – № 3 (272). – С. 150-161.

[28-М]. Кенҷазода, М.С. Парадигматические отношения в синтаксисе простых предложений таджикского языка [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. –Душанбе, 2023. – №4. – С. 157-163.

[29-М]. Кенҷазода, М.С. Синтаксическое поле в строение простых предложений таджикского языка [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №5. – С. 166-172.

[30-М]. Кенҷазода, М.С. Простые утвердительные и отрицательные предложения в современном таджикском языке (на примере современной таджикской прозы) [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №6. – С. 127-133.

[31-М]. Кенҷазода, М.С. К вопросу изучения односоставных предложений (на примере современной таджикской прозы) [Матн] / М.С. Кенҷазода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №7. – С. 140-146.

**III. Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашриҳои дигар илмӣ:**

[32-М]. Кенҷазода, М.С. Мавқеи категорияи шахс дар ҷумлаҳои сода (дар мисоли матбуоти даврии тоҷик) [Матн] / М.С. Кенҷазода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами забон ва услуби васоити ахбори омма» (Душанбе, 17-18.10.2019). – Душанбе, 2019. – С. 33-39.

[33-М]. Кенҷазода, М.С. Мавқеи категорияи муайянӣ дар ҷумлаҳои муайяншахс ва номуайяншахс [Матн] / М.С. Кенҷазода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами забон ва услуби васоити ахбори омма» (Душанбе, 17-18.10.2019). – Душанбе, 2019. – С. 51-57.

[34-М]. Кенҷазода, М.С. Мулоҳизаҳо доир ба ҷумлаҳои содаи яктаркиба ва дутаркиба [Матн] / М.С. Кенҷазода // Маводи конференсияи байналмилалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо» бахшида ба 85-солагии профессор Б. Камолиддинов (Душанбе, 22-23.10.2020). – Душанбе, 2020. – С. 215-223.

[35-М]. Кенҷазода, М.С. Мулоҳизаҳо доир ба ҷумлаҳои тасдиқӣ ва инкорӣ дар забони тоҷикӣ [Матн] / М.С. Кенҷазода // Маводи конференсияи байналмилалии «Медиалингвистика ва услубшиносӣ: проблема ва дурнамо» бахшида ба 85-солагии профессор Б. Камолиддинов (Душанбе, 22-23.10.2020). – Душанбе, 2020. – С. 345-352.

[36-М]. Кенҷазода, М.С. Вижагиҳои ҷумлаи содаи яктаркибаи унвонӣ дар забони тоҷикӣ [Матн] / М.С. Кенҷазода // Маводи конференсияи байналмилалии «Инноватсия дар тиб: аз илм ба амалия» (Душанбе, 01.12.2023). – Душанбе, 2023. – С. 363-365.

[37-М]. Кенҷазода, М.С. Муносибати парадигмативӣ дар синтаксиси ҷумлаҳои сода [Матн] / М.С. Кенҷазода // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии «Забони тоҷикӣ дар арсаи паёмадҳои нав» бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ (Душанбе, 05.10.2024). – Душанбе, 2024. – С. 46-52.

[38-М]. Кенҷазода, М.С. Ҷумлаи сода ва тартиби аъзоҳои ҷумла дар он [Матн] / М.С. Кенҷазода // Забон – ҳастии миллат. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои услубшиносӣ ва ҳусни баён: мушкилот ва дурнамо» бахшида ба 100-солагии дотсент Х. Ҳусейнов (Душанбе, 29.10.2024). – Душанбе, 2024. – С. 82-91.

[39-М]. Кенҷазода, М.С. Вижагиҳои аъзои пайрави ҷумла дар забони адабии муосири тоҷик [Матн] / М.С. Кенҷазода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии «Ховаршиносии муосир ва дурнамои рушди он: масоили забоншиносӣ, матншиносӣ ва робитаҳои адабӣ» (Душанбе, 28-29.10.2024). – Душанбе, 2024. – С. 95-100.

Кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи **Кенҷазода Манучехра Солеҳро** дар мавзуи **«Вижагиҳои сохторӣ ва дастурии ҷумлаҳои сода дар**

**забони адабии тоҷикӣ (дар асоси маводи насри муосир)»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраҳои забони адабии муосири тоҷикӣ, таърихи забон ва типология, забони тоҷикӣ ва усули таълими забон ва адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 20 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 20 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори №9, аз 21.02.2025.

**Раиси ҷаласа:**
**доктори илмҳои филологӣ,**
**дотсент, мудири кафедраи**
**забони адабии муосири тоҷикӣ** **Дӯстзода Ҳ.Ҷ.**

**Номзади илмҳои филологӣ,**
**дотсент, мудири кафедраи**
**таърихи забон ва типология** **Камолзода Х.**

**Доктори илмҳои филологӣ,**
**профессор, и.в. мудири кафедраи**
**забони тоҷикӣ ва усули таълими**
**забон ва адабиёти тоҷик** **Ғаффорзода Ш.Ҳ.**

**Котиби илмӣ, номзади**
**илмҳои филологӣ** **Холова М.Б.**

**«Тасдиқ мекунам»:**
**сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**

**«24» феврали соли 2025.**